**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор**
**_______________ Шарифзода Ф.Х.**
**«___» _______ соли 2026**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна, ки ба мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» бахшида шудааст, ба банди 4-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиши робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ дар адабиётшиносии тоҷик агарчи нав нест ва дар ин замина корҳое ба анҷом расидааст, вале масъалаҳое дар ин маврид мавҷуданд, ки дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудаанд ва ниёз ба баррасии бештар доранд. Масъалаи робитаҳои адабии ин ду халқи қадиму дорои адабиёти ғанӣ ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи муҳаққиқони ҳам хориҷӣ ба шумули худи фаронсавиҳо ва ҳам тоҷикон будааст. Дар давраҳои гуногун ин омӯзиш дар сатҳи мухталиф қарор дошта, дар замони Истиқлол он ба марҳалаи комилан густарда ва дараҷаи сифатан нав ворид шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба пайвандҳои адабии тоҷику фаронса шоистаи пажӯҳиш ва омӯзиши дақиқу комил дар доираи як таҳқиқоти монографии фарогир мебошад. Диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» дар ин замина таҳқиқоти арзишманд ва муҳим мебошад.

**Дараҷаи асоснокуни гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар суханрониҳои муаллиф дар конференсияҳои байналмилалӣ (солҳои 2022-2026), ҷумҳуриявӣ (солҳои 2018-2025) ва донишгоҳӣ (солҳои 2017-2026), таълифоти ба чоп расонидаи ӯ, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Мақолаи мавсуф таҳти унвони «Шокир Мухтор ва саҳми ӯ дар таҳқиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» дар маҷмуаи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Проблемы перспективы современной науки. Материалы

международной научно-практической конференции» (Кишинёв, Молдавия 10 апреля, 2023 г.) ба чоп расидааст, ки аз дастоварди муаллиф мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда,** дар он зоҳир шудааст, ки дар рисола бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик дар асоси таҳлилу муқоисаи маводди муътамади мавҷуда масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсири мутақобилаи адабиёти тоҷик ва фаронсавӣ бо назардошти сарчашмаҳо ва таҳқиқоти олимони Шарқу Ғарб равобити адабии тоҷику фаронсавӣ таҳқиқ шудааст.

Масъалаҳои тарҷумаи адабиёти бадеӣ асоси робитаҳои адабӣ буда, вижагиҳои тарҷумаи асарҳои адибони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар аҳди Шуравӣ, ки маъмулан аз забони русӣ ба тоҷикӣ сурат мегирифтанд ва дар замони Истиқлол аз забони асл тарҷума шудани осори адибони фаронсавӣ ва баъзе мушкилиҳои марбут ба ин соҳа, саҳми осори муҳаққиқони тоҷик дар таҳқиқи илмии масъалаҳои гуногуни робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ, таъсирпазирии адибони тоҷик аз адабиёту фарҳанги Фаронса, нақш ва таъсири адабиёти фаронсавӣ дар адабиёти тоҷики замони Истиқлол мавриди таҳлилу баррасии муаллиф қарор гирифтаанд. Назар ба таҳқиқи муаллифи рисола адабиёти гузаштаи тоҷик дар ташаккули адабиёти фаронсавии давраи нав таъсири мусбат гузошта, дар навбати худ шоирону нависандагони имрӯзаи тоҷик аз осори адибони фаронсавӣ илҳом гирифта, дар пайравӣ ба онҳо асарҳои назмию насрӣ эҷод кардаанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назарии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои назарии дар диссертатсия матраҳ шуда, мабоҳиси густардаи ҷузъҳои таркибии бобу фаслҳо ва равишҳои баррасии истифодашуда дар он паҳнои таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро дар соҳаи робитаҳои адабии тоҷик бо кишварҳои дигар густариш дода, дар такмили назари таҳқиқӣ дар соҳаҳои робитаҳои адабӣ, тарҷумашиносӣ, таҳлили муқоисавии адабӣ, ҳангоми коркарди масъалаҳои робитаҳои дуҷониба, таъсирпазирии онҳо ва дигар масъалаҳои ҳамгун саҳми муносиб хоҳад гузошт. Равишҳои пажуҳишии муаллиф дар ҳар таҳқиқоти бахши робитаҳои адабӣ, тарҷумашиносӣ, таъсирпазирӣ ва таъсиргузории осори адабии халқу миллатҳои гуногун метавонад истифода шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаи таҳқиқот ва хулосаи бадастомада дар диссертатсия барои омода кардани курси лексияҳо, хондани курсҳои махсус дар соҳаи робитаҳои адабӣ, ки марбут ба масъалаҳои робитаҳои адабии муосири тоҷику фаронсавианд, барои таҳияи дастуру воситаҳои таълимию методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна метавонад истифода шавад. Инчунин, маводди фароҳамомада дар диссертатсия ва хулосаву пешниҳодҳои муаллифро дар вақти навиштани мақолаҳои илмӣ, таълифи монография, навиштани китобҳои дарсӣ, таҳқиқи паҳлуҳои омӯхтанашудаи дигар масъалаҳои робитаҳои адабӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Диссертатсия бо сабки илмӣ ва баёни мафҳум таълиф

гардидааст. Таҳқиқот дар асоси усулҳои илмии муҷарраб таҳия ва таълиф шудааст, ки ҳалли масъалаҳои дар пеши худ гузоштаи муаллиф равон ва бо низом ба анҷом расидааст. Муҳокима ва баррасиҳои диссертант бо мантиқ ва равиши илмӣ сурат гирифтааст. Таҳқиқу баррасиҳои муаллиф ва натиҷагириҳои ӯ илмӣ ва бесобиқа буда, мухтавои асосии онҳо дар гузоришу мақолаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳо ироа гардида, ба нашр расидаанд, ки дараҷаи эътимоднокии таҳқиқотро таъмин намудаанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Мавзуъ ва масъалаҳои асосии таҳқиқот дар ҳамкорӣ бо роҳбари илмӣ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯй ва натиҷагириҳои илмии унвонҷӯ дар мақолаҳои илмӣ, маъруза дар маҳфилу конференсияҳо ва диссертатсия инъкос ёфтааст. Довталаб аввалин бор дар Тоҷикистон масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсири осори адибони фаронсавиро ба забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик ба таври муназзам таҳқиқ намуда, дар мавриди зарурат ашъор ва порчаҳои матниро аз забони асл мисол оварда, худ тарҷума ва бо тарҷумаи дигарон муқобалаю қиёс намудааст. Бинобар ин, саҳми довталаб ба ғайр аз таҳқиқи масъалаҳои аслӣ дар тарҷумаи қисме аз асарҳои онҳо низ назаррас мебошад.

Истифодаи равишҳои таҳқиқии муаллиф дар пажуҳиши мавзуи мазкур баёнгари саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала мусоидат кардааст. Муаллиф дар таҳияи диссертатсия аз равишҳои маъмул дар илми адабиётшиносӣ муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ, матншиносӣ, сохторӣ ва омориву тавсифӣ истифода бурдааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» ва «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», ки ҳамчун маҷаллаи тақризшаванда дар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, чоп шуда, ки теъдодашон ба **нух** адад мерасад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссератстсия.** Диссертант асосан, ба ҳалли масъалаҳои зер ҳиммат гумоштааст: таҳқиқи заминаҳо ва самтҳои асосии робитаҳои адабии Тоҷикистон ва Фаронса: робитаҳои расмии ду кишвар дар замони муосир; муайян кардани пешинаи таъсири фарҳангу адаби Фаронса ба ҳаёти адабию фарҳангии халқи тоҷик; баррасии асосҳои дохилӣ ва берунии пайвандҳои адабии тоҷику фаронсавӣ; таҳқиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ дар заминаи пажуҳишҳои адабӣ; таъйини саҳми муҳаққиқони тоҷик Ш. Мухтор, И. С. Раҷабова, Д. Ҳ. Бобоева, Д. О. Маҳмудов, Н. С. Гадоева дар таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ; таҳқиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ бар асоси тарҷума ва таъсирпазирӣ; муайян кардани дурнамои тарҷумаи намунаҳои адабиёти Фаронса дар Тоҷикистон; таҳқиқи масъалаи таъсирпазирии назму насри даврони шуравии тоҷик аз осори адибони фаронсавӣ; баррасии таъсири адабиёти фаронсавӣ ба назму насри замони Истиқлол.

Бо итминон иброз менамоем, ки диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна бо дарназардошти таснифи бонизоми мавзуоти баррасишаванда, тарҳи хоси илмӣ ва мураттаб дорои арзиши илмӣ буда, муаллиф лаёқати таълифи таҳқиқоти илмиро дорад ва шоистаи таҳсин мебошад.

Диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна аз муқаддима, се боб, чордаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт фароҳам омадааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуъ, пешинаи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ нишон дода шудаанд. Ҳамчунин тибқи қоидаи маъмул вобаста ба объекти таҳқиқот ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳо ва навовариҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуи мазкур, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқшаванда, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «**Заминаҳо ва самтҳои асосии робитаҳои адабии Тоҷикистон ва Фаронса**» унвон дошта, фарогири се фасл мебошад. Фасли якум «**Робитаҳои расмии Тоҷикистон ва Фаронса дар замони муосир**» унвон дорад. Дар ин фасл мухтасаран доир ба масъалаҳои алоқаманд ба робитаҳои расмии Тоҷикистон ва Фаронса дар замони муосир, ки тамоюли рӯ ба рушду тавсеа доранд, маълумот пешниҳод шудааст.

Тибқи иттилои муаллиф дар ин фасл равобити расмии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса аз 3 марти 1992 барқарор шудааст, ки аз аввалин муоҳидаҳои байналмилалии кишвари соҳибистиқлоли мо мебошад. Нахустин гомҳои ин равобит аз алоқаҳои фарҳангӣ ва адабӣ иборат будааст. Натиҷаҳои ин робитаҳо хеле назаррас ва муҳим мебошанд, мисли таъсиси Маркази фарҳангии «Бохтар» (14 октябри 2001) дар Душанбе ва Анҷумани фарҳангии «Равзана» (20 майи 2016) дар Порис. Дар замони Истиқлол заминаҳои мусоид барои робитаҳои адабӣ ва фарҳангии бештар ба вуҷуд оварда шуд, барои анҷоми тарҷумаи осори адабӣ ба ҳар ду забон шароит пайдо гардид.

Фасли дигари боби якуми диссертатсия «**Пешинаи таъсири фарҳангу адаби Фаронса ба ҳаёти адабию фарҳангии халқи тоҷик**» унвон дошта, фарогири баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқи афкору андешаҳои маорифпарварони бухороӣ Аҳмад Махдуми Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким вобаста ба фарҳангу тамаддуни пешқадам ва бонуфузи кишвари Фаронса мебошад. Муаллиф дар ин фасл решаҳои шиносии тоҷикон бо фарҳангу тамаддуни фаронсавиро дар замонҳои пеш ҷустуҷӯ намуда, нахустин ишораҳо ва зикри онро дар таърихи адабу фарҳанги миллати тоҷик дар навиштаҳои сарвари маорифпарварони тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) дидааст. Дар «Наводир-ул-вақоеъ» дар ҷараёни ҷашни императори Русия дар консерти идона Аҳмад Махдуми Дониш бо овозхони дар он замон машҳури итолиёвӣ Аделина Патти (1843-

1909) шинос мешавад ва онро дар китоби хеш ба унвони Потии Поричӣ муаррифӣ ва аз фарти таассур ва ғалабаи эҳсоси хеш шеъри зебое дар навъи қитъа дар панҷ байт ба унвони ин хонандаи зебо иншо менамояд, ки муаллиф онро сабт намудааст (дисс. саҳ. 22). Дар мавриди сайру сафари Мирзо Сироҷи Ҳаким (1877-1914) ба Аврупо, хосса ба Фаронса ва пойтахти он Порис дар диссертатсия муфассалтар нигошта шудааст, ки дар воқеъ ин ёддоштҳо ва тавсифҳои сайёҳу тоҷир ва табиби машҳури бухороӣ дар «Туҳафи аҳли Бухоро» нахустин ва муфассалтарин муаррифии Порису Фаронса ва тамаддуну фарҳанги он барои аҳли кишвари Бухоро буд.

Дар фасли сеюми боби якуми диссертатсия таҳти унвони «**Самтҳои асосии пайвандҳои адабии тоҷику фаронсавӣ**» муҳимтарин самтҳои пайвандҳои адабии ду халқи қадимӣ дар шароити замони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ду омили дохилӣ ва берунӣ баррасӣ гардидаанд. Бино бар нигоштаи муаллиф робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ дар заминаи омилҳои дохилӣ: анъанаи ривоятгарӣ, достонҳо, қиссаҳо, афсонаҳо ва омилҳои берунӣ, монанди фаъолиятҳои шарқшиносӣ, тарҷума ва дигар шаклҳои робитаҳои адабӣ ва фарҳангӣ шакл гирифтаанд, дар бобҳои баъдии рисола аз ҳамин дидгоҳ таҳқиқи масъалаҳои пажуҳишҳои адабӣ ва тарҷумаву таъсирпазирӣ дар ин замина сурат гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «**Робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ дар заминаи пажуҳишоти адабӣ**» дар панҷ фасл таълиф шудааст. Фасли аввали боби дуюм ба корномаи илмии яке аз муҳаққиқони робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ профессори зиндаёд Шокир Мухтор бахшида шуда «**Саҳми профессор Шокир Мухтор дар таҳқиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ**» ном гирифтааст. Дар ҳамин ҷост, ки таълифоти Шокир Мухтор дар самти таърихи тарҷума ва таҳқиқи осори адибони барҷастаи форсии тоҷикӣ ба забони фаронсавӣ ва самти муаррифии олимону адибони Тоҷикистон аз тарафи аҳли қалами Фаронса, ҳамчунин ошкор намудани таъсиру нуфузи адабиёти оламшумули гузашта ба адабиёти фаронсавизабон, дар ҳамин росто таъсири адабиёти Фаронса дар адабиёти муосири тоҷик дар ин фасл ба таҳқиқ кашида шудааст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти профессор Шокир Мухтор барои рушди омӯзиши робитаҳои адабии тоҷик бо адабиёти Ғарб мусоидат намуда, бахши адабиётшиносии муқоисавиро дар Тоҷикистон тақвият бахшидааст. Таҳқиқоти илмии профессор Шокир Мухтор дар ин замина бисёр сутуданист ва саҳму нақши ӯ дар истеҳком ва рушди робитаҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва Фаронса муҳим мебошанд.

Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия «**Ибаррури Раҷабова – муҳаққиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ**» унвон дошта, ба фаъолияти таҳқиқотии робиташиноси дигари тоҷик, ки дар омӯзиши

пайвандҳои адабии Тоҷикистону Фаронса саҳму нақши намоён гузоштааст, Ибарури Солиевна бахшида шудааст.

Шарқшиноси машҳури фаронсавӣ Франсуа Пети де ла Круа дар асри XVIII дар асоси афсонаҳои «Ҳазору як шаб» таҳқиқоти «Ҳазору як рӯз. Афсонаҳои форсӣ»-ро таълиф менамояд, ки дар доираҳои адабӣ ва илмии он замон шуҳрати хосеро касб карда буд. Дар ҳамин замина, омӯзиш ва пажуҳиши И. С. Раҷабова дар шакли диссертатсияи номзадӣ таҳти унвони «Таджикско-персидская повествовательная проза в литературном процессе Франции начала XVIII в.» («Насри ривоятии форсу тоҷик дар ҷараёни адабии Фаронса дар оғози асри XVIII») дар соли 1987 аз тариқи нашриёти Дониш ба табъ расидааст.

Муаллифи рисола таҳқиқоти мазкур ва дигар осори илмии И.С. Раҷабоваро таҳлилу баррасӣ намуда, онҳоро дар «адабиётшиносии татбиқӣ (қиёсӣ) ва равишҳои нақди адабии навин барои таҳқиқи масъалаҳои таъсири мутақобилаи адабиёти форсу тоҷик ва адабиёти фаронсавӣ заминасоз» меҳисобад.

Дигар аз шахсоне, ки дар таҳқиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ, бахусус адабиёти муосири тоҷик осори илмӣ таълиф намудааст, Д.Ҳ. Бобоева мебошад, ки рисолаи таҳқиқотии хеш – «Садриддин Айнӣ ва адабиёти фаронсавӣ» (Садриддин Айни и французская литература, дисс.канд.филолог.наук, Душанбе, 1996, 181 стр.) ба баррасии пайвандҳои адабии асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ва адибону адабиёти фаронсавӣ ихтисос додааст. Муаллиф бар он аст, ки то замони таълифи рисолаи ӯ доир ба равобити адабии устод Айнӣ ва адабиёти ҷаҳон навиштаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ зиёд ба чоп расидаанд, вале дар ҳеҷ яке аз асарҳои онҳо «эҷодиёти устод Айнӣ дар ростои робитаҳои байналмилалӣ пурра ва ҳамаҷониба баррасӣ нашудааст». Бино бар таҳқиқи Одилова З.О. «баҳси ӯ оид ба Айнӣ ва адабиёти фаронсавӣ ҷанбаи қавии адабиётшиносӣ дошта, ҳалли саҳеҳи он саҳми шоиста дар масъалаи омӯзиши робитаҳои байналмилалии адабиёти муосири тоҷик мебошад» (дисс. саҳ. 59-60). Дар воқеъ, осори устод Айнӣ ба адабиёти фаронсавӣ иртиботи бештар ва беҳтар аз ҳар адиби дигаре дорад, ки таҳқиқу муайян намудани ҷанбаҳои мухталифи он шоистаи пажуҳиши тахассусӣ мебошад. Фасле аз ин боб бо номи «**Айнӣ ва адабиёти Фаронса дар таҳқиқи Д. Ҳ. Бобоева»** ба ин муносибат манзур гардидааст.

Фасли чоруми боби дуюм бо унвони «**Таъсири сужаҳои «Ҳазору як шаб» ба насри ривоятии фаронсавӣ дар таҳқиқи Д. О. Маҳмудов»** ба масъалаи таъсиру нуфузи насри ривоятии форсии тоҷикӣ дар таҳаввули насри ривоятии фаронсавӣ бахшида шудааст. Сужаҳои форсии тоҷикӣ аз афсонаҳои тарҷумашуда дар ташаккули афсонаҳои сеҳромези фаронсавӣ таъсиргузор будаанд. Жанри афсонаҳои сеҳромез бо саъю эҳтимоми нависандагон Шарл Перро ва хонум д'Онуа, ки аз «ҷузъиёти шарқӣ: макони аҷоибу ғароиб, ашёҳои муъҷизанок, қаҳрамонҳои фантастикӣ (парӣ, ҷин) ва сохторҳои мураккаби

нақлӣ иқтибос гирифтаанд», адабиёти худро ғанӣ гардониданд. Аз ин лиҳоз таҳқиқоти Д. Маҳмудов дар адабиётшиносии татбиқӣ муҳим ва арзишманд мебошанд.

Фасли панҷуми боби дуюми диссертатсия ба масъалаи «**Низомии Ганҷавӣ ва Фаронса дар таҳқиқи Н. С. Гадоева»** ихтисос ёфтааст. Маълум аст, ки яке аз шоирони таъсиргузор дар ҳавзаҳои адабии ҷаҳон, бахусус Фаронса холиқи Панҷ ганҷ – Низомии Ганҷавӣ (1141-1209) мебошад, ки муҳаққиқи тоҷик дар ин маврид тақиқиоти алоҳида дар сурати диссертатсияи илмӣ бо номи «Исследование жизни и творчества Низами Гянджеви и перевод его «Пятерицы» во Франции (дисс. канд. филолог. наук.-Душанбе, 2024, 180 стр.) ба чоп расонидааст. Маҳз тавассути таҳқиқоти олими тоҷик раванди низомишиносии Фаронса, ҳолату сифати дарки матни тоҷикии осори Низомӣ аз тарафи низомипажуҳони ғарбӣ, бавижа фаронсвӣ дар адабиётшиносии татбиқии имрӯз ба доираи таҳқиқ кашида шудааст. Агарчи тарҷума ва таҳқиқи осори Низомӣ дар Фаронса дар сатҳу савияҳои мухталиф ва шаклҳои мукаммалу мунтахаб анҷом ёфтааст, боз дар тарвиҷу афкору орои форсии тоҷикӣ ва таблиғу ташвиқи шеъри тоҷик дар қалби Аврупо мусоидат кардааст, ки омӯзишу таҳқиқи он дар мисоли таҳқиқи Н.С.Гадоева меарзад, ки дар рисолаҳои илмӣ ба он баҳогузорӣ ва арзёбӣ шавад, ки дар диссертатсия ин ҳадаф анҷом дода шудааст.

Боби охирин ва калонтарини диссертатсия «**Робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ бар мабнои тарҷума ва таъсирпазирӣ**» унвон дорад, ки фарогири шаш фасл мебошад. Дар фасли якум масъалаи «**Тарҷума ҳамчун воситаи асосии ба вуҷуд омадани робитаҳои адабӣ»** таҳқиқ шудааст.

Дар фаслҳои ин боб масъалаҳои назариявии тарҷума восита ё омили муҳимми мавҷудияти робитаҳои адабӣ, тарҷумаҳои асарҳои адибони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар замони шуравӣ ва тарҷумаи осори манзуму мансури фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлол чанду чуни ин тарҷумаҳо ва муқоисаи онҳо бо забони асл ва забони тарҷумашаванда таҳқиқ шудаанд. Дар фаслҳои чоруму панҷум ва шашуми ин боб масъалаҳои дурнамои тарҷумаи намунаҳои осори адабии Фаронса ба забони тоҷикӣ ва таъсирпазирии адабиёти тоҷик дар замони шуравӣ ва даврони Истиқлол ба таҳқиқ расидааст.

Дар кул, шоирони тоҷик аз асри XIX (Аҳмад Махдуми Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким) сар карда, дар ибтидои адабиёти навини тоҷикӣ (устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ) то даврони Истиқлол (Лоиқ, Бозор, Гулназар, Гулрухсор, Муҳтарам Ҳотам, Камол Насрулло, Фарзона ва дигарон) ба осори адабиёти бузургу муҳташами Фаронса бетаваҷҷуҳ набудаанд ва тибқи таҳқиқи муаллифи рисола тавонистаанд, ки моли адабии як кишвари бегонаро ба моли адабиёти халқи худ табдил диҳанд, ки ин падидаи адабӣ танҳо аз

адибони хушқареҳа ва варзида ба вуҷуд омада метавонад. Яке аз роҳҳои ғановати адабиёти ҳар халқ ҳамин аст.

**Хулосаи диссертатсияи** Одилова Зайнура Обидовна муҳимтарин натиҷаҳои илмии ӯро дар бар мегирад, ки шомили 10 банд бо ишора ба истинод ба мақолаҳои муаллиф дар поёни рисола дарҷ гардидааст. Хулосаҳои диссертант дар асоси муҳтаво ва натиҷаи таҳқиқи ҳар фаслу бобҳои рисола ба таҳрир омадаанд.

Диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Тахассуси илмии диссертант Одилова З.О. ба ихтисоси илмии дархостшаванда дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат мекунад.

**Эродхо ва холатхои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар диссертатсияи Одилова З.О. дар баробари дастоварду комёбии илмӣ чанд нуктаи ислоҳталаб ва нуқсони ҷузъӣ низ ба назар мерасад, ки тасҳеҳи онҳо боиси афзудани ҳусни илмии рисола мегардад. Аз ҷумла:

1. Дар саҳ. 4 осори фаронсавӣ аввал ба забони тоҷикӣ, сипас ба забони асл, яъне фаронсавӣ оварда шудааст, ки мутобиқ ба шеваи илмии рисолаҳои таҳқиқотӣ мебошад, аммо дар мавриди асарҳо ба забони русӣ танҳо ба забони русӣ омадааст ва тарҷумаи тоҷикии номи китобҳо оварда нашудааст, ки дар ин маврид ягонагии услуби нигориш риоят нагардидааст. Мисли таҳқиқоти И.С. Раҷабова, ки дар асл ба забони русӣ аст, дар саҳ. 6 номи таҳқиқоти ӯ ба забони тоҷикӣ оварда шудааст, аммо номи мақолаи С.А. Султонов танҳо ба русӣ оварда шудааст.

2. Дар саҳ. 7 таркиби «ҳайати васеи тадқиқоте» нодуруст буда, вожаи **ҳайат** танҳо дар нисбати инсон ба кор бурда мешавад, на ашёи дигар.

Ҳамин гуна аст калимаи «шоха» дар таркиби «шохаҳои гуногуни марбут ба робитаҳо».

3. Дар саҳ. 23 дар ҷумлаи «Дар асnои маълумоти яке аз ошноёнаш, ки аз як тоҷири сарватманди ҳиндии эронитабор шунидааст, Аҳмади Дониш шефтаи забону фарҳанги Фаронсаву Англия гардидааст», калимаи «асно» бемавқеъ истифода шудааст, ки мантиқи ҷумларо вайрон кардааст.

4. Дар саҳ 25. дар ду сархати мухтасар аз таърихи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ сухан рафтааст, ки бояд дар ибтидои ин бахш ё дар таърихи омӯзиши мавзуъ зикр мегардид (Ҷойе, ки Шамси Табрезӣ дар Димишқ бо марде фаронсавитабор вомехурад, ё Мавлоно бо чунин марде дар ҳамин замон ва макон).

5. Охирин ҷумлаи саҳ. 25 ҳам аз ҷиҳати услуб хато мебошад. Чунин ҷумла ҳам бемантиқ аст: Шокир Мухтор дар омӯзиши шарқшиносони фаронсавӣ саҳмгузор буд (саҳ. 38).

6. Рисолаи муҳаққиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ Д.Ҳ. Бобоева дар матни диссертатсия (саҳ. 58) ба шакли «Садриддин Айнӣ ва адабиёти ҷаҳон» номида шудааст, вале дар китобномаи рисола таҳти шумораи 77 номи таҳқиқоти ин муаллиф «Садриддин Айни и французская литература» зикр шудааст.

7. Ҳамчунин ададбиёти шумораи 184 (саҳ. 188) нодуруст сабт шудааст. (184. **Султонов С. Шамсиддин ва тарҷума**. С.Султонов. Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Замон ва тарҷумон». – Душанбе, 2014. – С.20-25).

8. Нуқсонҳо ва иштибоҳоти техникӣ ҳам дар саҳифаҳои диссертатсия ба назар мерасанд (саҳ. 9, 16, 17, 20, 23, 27....).

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда хусусияти ислоҳпазирӣ дошта, бештар ҷанбаи тавсиявӣ доранд ва арзиши илмӣ ва аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодаро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат ва мақолаҳои илмие, ки диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқ ба нашр расонидааст, муҳтавои асосии диссертатсияро ба таври пурра ва возеҳ инъикос менамоянд. Дар онҳо масъалаҳои асосии баррасишуда, натиҷаҳои муҳимми илмӣ ва хулосаҳои асосии рисола ба таври мухтасар, вале дақиқ пешниҳод гардидаанд, ки ин аз ҳамоҳангии комили онҳо бо матни диссертатсия шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин, мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи масъалаҳо ва самтҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) муайян гардидаанд, пурра мутобиқат дошта, аҳаммияти назариявӣ ва амалии худро дар ин замина собит менамояд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссерататсия.** Хулоса, диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёт баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №8, аз 31-уми августи соли 2026).

Дар ҷаласаи шуъба иштирок доштанд: 9 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ,
мудири шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Юсуфов Умриддин Абдукофиевич

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари
илмии шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович

**Котиби илмии ҷаласа:**
ходими илмии шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Шарипова Шоҳзода Абдухолиқовна

Имзоҳои д.и.ф. Юсуфов У.А., н.и.ф. Муҳаммадиев Ш.М. ва х.и. Шарипова Ш.А.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Давлатов Фирдавс Қосимович

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: iza.rudaki@gmail.com
Сомонаи расмӣ: www.izar.tj

«31»-уми августи соли 2026.